

**27.11.2017**

Чунин чорабинии пуршукӯх ба муносибати кабули савганди харбӣ ва сазовор гардидан бо номи пуршарафи сарбоз дар яке аз вохидхои навтаъсиси таъиноти махсуси Вазорати мудофиа низ доир гардид. Тахти навои Суруди миллӣ хайати шахсӣ дар зери Байраки чангии кисми харбӣ саф ороста бо гузориши масъулини рохбарикунандаи ин кисми таъиноти махсус ба хайати фармондехии Ситоди генералии Куввахои Мусаллах кисмати расмии чорабиниро огоз бахшиданд.

Сардори ситоди генералии Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон генерал майор Эмомалӣ Собирзода баъд аз табрики наваскарон ва волидони онхо ба ин муносибат, бо ёдоварӣ аз вазъи кунунии чахони муосир сахми чавонони далеру тавонои ватанро дар химояи марзу бум, арчгузорӣ ба мукаддасоти давлативу арзишхои миллӣ, хизматхои Пешвои миллат ва хифзи музаффариятхои даврони сохибистиклолӣ мухим арзёбӣ намуда, ба хайати бисёрнафараи наваскарони кисми низомӣ таъкид карданд, ки онхо низ бо чунин рӯхия ва дарки баланди масъулияти фарзандӣ дар назди Модар-Ватан хизмати чавонмардона намоянд.



Сипас бо фармони командири бевоситаи чузъу том хайати шахсии наваскарон ба сафи пеши чорабинӣ баромада, дар назди мехмонони кисми низомӣ, падару модарон ва командирону хамхизматони худ касами харбӣ ёд намуданд.

Ин гурӯхи чавонони худогоху ватандӯст низ кавл доданд, ки чун насли гузаштаи хеш ва афсарону сарбозони содики ватан ба савганди садокат ба халку сарзамини ачдодӣ содик монда, бо нерӯйи чавонӣ дар ободиву шукуфоии кишвари махбубамон ва баланд бардоштани кудрати дифоии он сахмгузор мешаванд.

Иштироки гурӯхи сарбозон дар машкхои тан ба тан аз омодагии сатхи баланди чангӣ дарак медод, ки бо роху усули мухорибавӣ намоиш дода шуд.

Хамин тавр, маросими бошукӯхи савгандёдкунӣ дар ин кисми харбӣ бо намоиши барномаи васеи консертӣ ба поён расид.

**МАРКАЗИ МАТБУОТИ ВАЗОРАТИ МУДОФИАИ ЧУМХУРИИ ТОЧИКИСТОН**